**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти мақомоти омори давлатӣ дар нимсолаи якуми соли 2025 ва вазифаҳо барои то охири соли 2025

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024-ум, №687 тасдиқ карда шудааст ва вазифаҳои дар назди мақомот дар нимсолаи аввали соли 2025 гузоштashудаpo пурра иҷро намуд.

Дар маҷмӯъ дар нимсолаи якуми соли 2025-ум 4614 кори оморӣ ба анҷом расонида шуд, аз ҷумла, 1012 кор ба омори саноат ва сармоягузорӣ дар сохтмон, 1235 кор ба омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, 262 кор ба омори молия, 354 кор ба омори бақайдгирии нархҳо ва тарифҳо, 66 кор ба омори таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, 578 кор ба омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ, 653 кор ба омори захираҳои моддӣ, савдо ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва 454 кор ба омори нақлиёт, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизматрасонии пулакӣ тааллуқ дорад, ки аз иҷрои пурраи барномаи корҳои оморӣ дар давраи сипаригардида шаҳодат медиҳад.

Ғайр аз ин, тибқи Барномаи корҳои оморӣ дар нимсолаи аввали соли 2025 бо мақсади ҳарчӣ зиёдтар фарогирӣ ба ҳисоботи оморӣ таҳқиқотҳои омории интихобии “Шахсони воқеӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ”; таҳқиқоти “Бозорҳои фурӯши чорво ва автомобил, нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории мошин ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дорухонаҳо” аз рӯи ҳамаи шаклҳои моликият; таҳқиқоти “Нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозорҳо”; таҳқиқоти “Буҷаи хоҷагии хонавода”; таҳқиқоти интихобии “Хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ” ва баҳисобгирии сартосарии саршумори чорво гузаронида шуд.

Мукотиботи Агентии омор аз рӯи ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2025 нишон дод, ки дар ин давра маводҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва номаҳо дар маҷмӯъ 1652 адад ворид шудааст.

Дар давоми нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва муроҷиати хаттии шаҳрвандон 1854 адад ҷавобҳои хаттӣ ирсол карда шуд.

Ҳамзамон, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва дигар истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ 1765 адад гузоришҳои ҳармоҳа оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, маҷмӯаҳои омории соҳавӣ ва бюллетенҳо фиристонида шуданд.

Дар давраи сипаригардидаи аз ҷониби ҳайати Шурои методологии Агентии омор лоиҳаи шакли нави ҳисоботи омории электронии байниидоравии шакли №1- ниҳолшинонӣ “Ҳисобот дар бораи ниҳолшинонӣ ва барқароркунии ниҳолҳо- солона” ва шакли ҳисоботи омории №1-пардохтҳо бо дастурамалҳояшон таҳия карда шуда, барои мувофиқа ва пешниҳоди таклифу иловаҳо ба вазорату идораҳои дахлдор манзур карда шуд.

Инчунин, бо мақсади таъмини фаъолияти мунтаззами «Китоби электронии хоҷагиҳои аҳолии ҷамоатҳои шаҳраку ва деҳоти ҷумҳурӣ» аз ҳисоби лоиҳа 439 адад «модемҳои интернетӣ» ба таври расмӣ ба ҷамоатҳои шаҳрӣ ва деҳоти вилояти Хатлон (158 адад), НТҶ (117 адад), вилояти Суғд (118 адад) ва ВМКБ (46 адад) супорида шуданд.

Агентӣ омӯзиши истифодаи барнома барои китоби электронии хоҷагии аҳолӣ барои масъулони ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳоро баргузор намуд, ки дар он 159 зан ва 280 мард иштирок карданд.

Айни ҳол Агентии омор дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таҳқиқоти қувваҳои кориро дар 4080 хонавода дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бо роҳи пур кардани Саволномаи стандартии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, бо мутобиқ намудан ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида истодааст.

Мақсади гузаронидани таҳқиқоти мазкур, ин ҷорӣ намудани стандартҳои нави байналмилалӣ оиди фаъолиятҳои меҳнатӣ, муайян намудани шумораи қувваҳои корӣ, сатҳи умумии бекорӣ, муайян кардани ҳиссаи шуғли ғайрирасмӣ ва дигар мушкилиҳои дар бозори меҳнат ҷойдошта мебошад. Маълумоти ҷамъоваригардида имконият медиҳад, ки вазъи воқеии бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ баҳо дода шавад.

Дар нимсолаи якуми соли 2025 бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаи ҳамкории баимзорасида ҳамкории зич ба роҳ монда шуд. Ҳармоҳа маҳзани маълумотҳои субъектҳои бақайдгирифташуда, аз он ҷумла навтаъсис ба таври электронӣ ба портали Агентии омор пешниҳод карда мешаванд.

Дар ин давра Ёддошти ҳамкорӣ байни Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази омори Эрон дар рафти сафари Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Тоҷикистон ба имзо расид.

Ҳамзамон Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Агентии омор ва Барномаи озуқаворӣи Ҷаҳонии СММ ба имзо расида, ҳамкориҳо барои мубодилаи малумот ва таҳияи нишондиҳандаҳои оморӣ шуруъ гардидааст.

Дар ин давра вохӯриҳои Роҳбарияти Агентӣ бо намояндагони Созмони байналмилалии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Агентии ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии Туркия дар Тоҷикистон (ТИКА), Хазинаи кудакони СММ вохӯрӣ баргузор намуд.

Дар рафти ин вохӯриҳо масъалаҳои ҳамкориҳои Агентии омор бо ташкилотҳо, табодули таҷрибаи мутахассисон, гузаронидани таҳқиқотҳои интихобӣ, барӯйхатгирии кишоварзӣ, мубодилаи маълумотҳо ва дигар масъалаҳо матраҳ гардиданд.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 17,
тел: 2274787 (бахши умумӣ), 2230245 (қабулгоҳ); факс:2214375
E – mail: stat@tojikiston.com web:http:// www.stat.tj